Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Сугд дар 12 мохи соли 2017 бахри ичроиши карори Хукумати  Чумхурии Точикистон аз 5 декабри соли 2013, № 557 «Дар бораи Барномаи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2015-2017», «Дар бораи сармоягузорӣ», Карори Хукумати Чумхурии Точикистон оид ба «Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантхо ва сохтмони асосӣ барои солхои 2016-2020», «Барномаи рушди иктисодию ичтимоии вилояти Сугд то давраи соли 2020» «Дар бораи химоя ва дастгирии давлатии сохибкорӣ барои солхои 2012-2020», карорхои Хукумати Чумхурии Точикистон, дастуру супоришхои Президенти Чумхурии Точикистон, Паёми Сарвари давлат ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ва карорхои хайати мушовараи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон, дар чодаи хусусигардонӧ ва окилона истифодабарии моликияти давлатӣ, карорхо ва дастуру супоришхои Раиси вилояти Сугд, як микдор корхоро ба анчом расонид.

Дар 3 мохи соли 2018 сармоягузорихои хоричию ватанӣ ба иктисодиёти вилояти Сугд ба маблаги  81 513,5 хазор сомонӣ ё ин, ки 9 241,9 хазор доллари ИМА чалб карда шудааст, ки ин нисбати соли гузашта 162,8 %-ро ташкил кард.

**Аз чумла:**

(ба хисоби хазор доллари ИМА)

№

Манбахои

сармоягузорӣ

Дар 3

мохи 2018 соли

Дар 3

мохи

соли 2017

Соли 2018 нисбати

соли 2017

бо фоиз

1.

Ташкилотхои байналхалкӣ

-

-

-

1.

Кӯмакхои башардӯстона

391,5

205,9

190,0

1.

Сармоягузорихои мустаким

8 850,4

5469,2

161,8

1.

Сармоягузорихои чомадонӣ

-

-

-

1.

Харгуна сармоягузорихо

ба корхонахо

-

-

-

1.

Марказхои татбики

лоихахои сармоягузорӣ

-

-

-

1.

Сармоягузорихои ватанӣ

-

-

-

Хамагӣ:

9241,9

5675,1

162,8

Дар асоси маълумотхои Раёсати минтакавии хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон дар вилояти Сугд дар 3 мохи соли 2018 ба каламрави вилоят кӯмакхои башардӯстона ба маблаги 3 453,0 хазор сомонӣ ё ин, ки 391,5 хазор доллари ИМА ворид гардидааст.

Аз чумла:

№

Номгӯи корхона

Кӯмакхои

башардӯстонаи воридшуда

(хаз. доллари ИМА)

Дар

3 мохи соли 2018

Дар

3 мохи соли 2017

соли 2018 нисбати

соли 2017

бо фоиз

1.

Махсулотхои сабзавотӣ

44,6

-

-

1.

Махсулотхои ордӣ

336,4

205,9

163,4

1.

Махсулотхои керамики

10,4

-

-

1.

Дигар

0,1

-

-

Хамагӣ:

391,5

205,9

190,1

Дар асоси маълумотхои Раёсати минтакавии хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон дар вилояти Сугд сармояи мустаким дар 3 мохи соли 2018 ба каламрави вилояти Сугд ба маблаги 78 060,5 хазор сомонӣ ё ин, ки 8 850,4 хазор доллари ИМА ворид гардидааст.

Аз он чумла:

№

Номгӯи корхона

Сармояи

мустакими воридшуда

дар 3 мохи соли 2018

(ба хисоби хазор доллари ИМА)

1.

ЧДММ Чавони

478,2

1.

ЧДММ САТН

366,8

1.

ЧДММ   Саломатии Сибири

99,9

1.

ТАОО   КМ Анзоб

803,0

1.

ЧДММ Ширкати   металлургии Анзоб

129,9

1.

ЧДММ   Апрелевка

761,4

1.

ЧДММ ХС Уралсталкомплект

21,1

1.

ЧДММ КМ Хучанд Нефтегаз

779,5

1.

ЧДММ Нафтрасон

237,0

1.

ЧДММ КМ Заравшон

3069,8

1.

ЧСШП Оби Зулол

1393,6

1.

ЧДММ Ширкати Галагӣ

373,4

1.

ЧДММ Ширкати кимиёвии Сугдӣ

| |
|---|
| 336,7 |

| |
|---|
| |

| |
|---|
| Хамагӣ |

| |
|---|
| 8 850,4 |

Санаи 13 феврали соли 2018 дар толори Маркази таълимию-истирохатии Бонки милли Точикистон дар шахри Гулистон  миззи мудаввар доир ба Идоракунии хавзаи дарёи Аксу барои паст кардани хатари офатхои табии дар накшаи тараккиёти нохияхои Деваштич ва Спитамен, чамоатхо ва махалхо, баргузор гардид. Миззи мудаввар аз тарафи Филиали шӯъбаи Очонсии оид ба хамкории техникӣ ва тараккиёт (АСТЕД) дар шахри Хучанд татбик гардида бо дастгирии Консортсиум Хелветас, лоихаи  «Лоихаи миллӣ идоракунии захирахои обӣ», ки аз тарафи GIZ маблаггузорӣ шуда истодааст. Дар мизи мудаввар  намояндагони Сарраёсати кишоварзӣ, бахши кишоварзии макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят, сохторхои дахлдор, намояндагони макомотхои ичроияи хокимияти давлатии нохияхои Деваштич ва Спитамен иштирок намуда, оиди корхои ба ичро расонида ва пешниходи накшахои дар пеш истода аз тарафи ичрокунандагони лоиха муаррифӣ карда шуд.

Дар конфронзали МД «Осоишгохи Бахористон»  шахри Гулистон санаи 21 феврали соли 2018 вохӯрии истехсолкунандагони махсулотхои кишоварзӣ, аъзоёни гурӯххои истехсолӣ, сохибкорон ва рохбарони корхонахои кокарди меваю сабзавоти шахрхои Исфара, Хучанд ва нохияхои Ашт, Б.Гафуров баргузор гардид. Вохурӣ аз тарафи Ташкилоти чамъиятии «Муносибатхои иктисодии тичорати миёнмарзӣ»- дар вилояти Сугд бо маблаггузории Чамъияти Олмон оид ба хамкорихои байналмилалӣ дар Точикистон GIZ дар доираи Барномаи «Дастгирии рушди иктисодии дехот ба мксади таъмини даромаднокии ахолӣ»(ТРИГЕР) ташкил карда шуд.

Санаи 16 марти соли 2018 мудири шуъбаи сармоягузорӣ Исмоилов З.И. дар кушодашавии сохтмони шабакаи обтаъминкунӣ дар дехаи Сафедтепаи Чамоти дехоти Истиклол бо сахмгузории макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Спитамен ва сахмгузории ахолии деха,  иштирок намуд.

Бояд кайд намуд, ки дар азнавбаркарорнамудани шабакаи обтаъминкунӣ дар доираи Мемарандуми якдигарфахмӣ байнӣ Намояндаи «Котиботи байналхалкии захиратои об» дар Точикистон ва макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Спитамен, Чамоати дехоти Гулистон  ва татбикгари лоиха «Таъминоти дехот бо оби нӯшокӣ ва санитария, водии Фаргона, Точикистон» дар вилояти Сугд баста шуда, корхо ичро гардида, такрибан 10 хазор ахолии дехаи Сафедтеппа бо оби нӯшокӣ пурра таъмин карда шуд. Навори пураи чорабинии мазкур дар Ахбори тевизиони Сугд санаи 19 марти соли 2018 соати 18-00 ба намоиш гузошта мешавад.

Дар чодаи хусусигардонӧ ва окилона истифодабарии моликияти давлатӣ, карорхо ва дастуру супоришхои Раиси вилояти Сугд, аз чониби шӯъбаи идораи амволи давлатӣ як микдор корхо ба анчом расонида шуд.

Дар микёси вилоят фурӯши амволи давлатӣ тавассути Биржаи молу мулки вилоят тарики музояда амалӣ гардида, дар натича дар 3 музояда 8 адад объектхои хурду миёна ва 1 адад воситаи наклиёт ба маблаги умумии 533657 сомонӧ фурӯхта шуда, аз ин маблаг 204540 сомониаш ба бучахои дахлдор ворид карда шудааст ва ин равиш идома дорад.

Дар микёси вилоят ба ичора супоридани амволи давлатӣ аз чониби Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Сугд ва бахшхои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии шахру нохияхо тибки талаботи Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ичора» ва карори  Хукумати Чумхурии Точикистон аз 2 ноябри соли 2011, № 537 «Дар бораи тасдики Тартиби ба ичора супоридани амволи давлатӣ» ба рох монда шудааст. Дар ин давра аз чониби Раёсат 2 маротиба озмуни ба ичора супоридани биною иншоотхои давлати ва масохатхои холи, мавриди истифодаи максаднок карор нагирифта, гузаронида шуд.

Мутобики маълумотхо дар давраи хисоботӣ дар каламрави вилоят хамагӣ 913 адад

шартномахои ичора бо шахсони вокеию хукукӣ баста шуда аз ин хисоб ба бучети давлатӣ 778356 сомонӣ маблаг ворид карда шуда, нисбат ба хамин давраи соли 2017, 23652 сомони зиёд мебошад мебошад.

Раёсат барои аз моликияти чумхуриявӣ ба моликияти коммуналии вилояти Сугд гузаронидани истирохатгоххои «Зухал» ва «Лангар»-ри Бонки миллии Точикистон, вокеъ дар шахри Гулистон тибки тартиби мукарраргардида корбарӣ намуда итодааст.

Дар ин давра доир ба масъалахои вобаста ба самти фаъолият, аз чумла аз эътибор сокит намудани воситахои асосии фарсудаю корношоями корхонаю ташкилотхои давлатӣ ва аз мувозина ба мувозина гузаронидани биною иншоотохои давлатии моликияти коммуналӣ, тибки тартиби мукарраргардида амали карда истодааст.

Кормандони Раёсат бахри ичрои Амри Раиси вилояти Сугд аз 15.02.2018, №23 дар якчоягӣ бо гурўњи корӣ ба шахру нохияхои Хучанд, Б.Гафуров, Мастчох, Гулистон, Конибодом, Ашт, Исфара ва Чаббор Расулов сафарбар шуда, корхонањои саноатие, ки тариќи тендер ё музояда  хусусӣ гардонида шудааст, дар љояш мавриди омўзиш ва баррасӣ ќарор дода, хулосахои худро ба унвонии Раиси вилоят пешниход намуданд, дар ин самт корхо идома дорад.

Дар вилояти Сугд аз рӯи хисоботи Раёсати андози вилоят шумораи сохибкорони инфиродӣ дар се мохи соли чорӣ аз аввали бакайдгирӣ 100 925 нафарро ташкил медихад, ки ин нишондиханда нисбат ба мамин давраи соли гузашта 5718 адад зиёд мебошад.

Аз чумла, шумораи сохибкорони инфиродие, ки аз рӯи патент фаъолият мебаранд 32026 нафар буда, хамин нишондиханда дар давраи соли 2017, 30129 нафаро дар бар мегирад, ки нисбат ба хамин давраи соли гузашта 1898 адад зиёд  мебошанд.

Шумораи субъектони тибки Шаходатнома  фаъолят баранда дар давраи хисоботи 68899 ададро ташкил медихад, ки нисбат ба хамин давраи соли гузашта 382 адад зиёд мебошад.

Нишондихандахои вилоятӣ дар хачми истехсоли саноат ба санаи 01.03.2018сол, 1493,9 млн. сомонӣ буда, дар хамин давраи соли 2017, 1266,4млн. сомониро дар бар гирифта буд, ки сахми сохибкорони хурду миёнаи вилоят дар истехсоли махсулоти саноатӣ дар давраи хисоботӣ 221,5млн. сомонӣ ё худ 14,8 фоизи хачми умумии истехсоли махсулоти саноатиро ташкил медихад.

Бояд кайд намуд, ки дар давраи сафари корӣ дар рӯзхои тачлили бошукӯхи Наврӯзи чахонӣ бо иштироки Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар шахри Хучанд парда аз болои лавха бардошта шуда ба фаъолияти Мачмаи мехмонхонаи байналмилалии “Парламент” расман огоз бахшида шуд. Мехмонхонаи замонавӣ аз 4 ошёна ва таххона иборат буда, дар мавзеи хушманзараи шахр кӯчаи Сирдарё дар сохили дарё дар худуди 1 гектар замин комат афрохтааст. Иншооти мазкур аз чониби сохибкори ватанӣ бо чадби сармояи Точикистон, Чумхурии мардумии Чин ва Киргизистон дар муддати 5 сол бунёд карда шудааст ва дар чараёни корхои сохтмонии он то 250 нафар сокинони махаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин буд. Дар ин иншоот дар мархалаи аввали кор 60 нафар бо чойи кори доимӣ ва маъоши хуб таъмин шуданд.

Хамзамон дар доираи сафари корӣ Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар шахри Бӯстон ба фаъолияти китъаи нави иншооти истехсоли орд, дар заминаи ЧДММ “Анхор” огози расмӣ бахшиданд.

Китъаи нави иншооти истехсоли орд дар заминаи ЧДММ “Анхор” бо ташаббуси сохибкор Зикруллохоча Самандаров мавриди бахрабардорӣ карор гирифта, маблаги фондхои асосӣ 25,8 млн. сомонӣ, аз чумла 13млн. сомонӣ сармояи корхонаи номбурда, 12,8 млн сомонӣ сармояи ширкати “АЗК ЭСНТАЙ”- и Чумхурии Казокистон мебошад. Иктидори истесолии корхона 380 тонна коркарди гандум дар 1 шабонарӯз мебошад. Дар китъаи нави истехсоли орд 25 нафар шахрвандон ба кор фаро гирифта шуд.

Чоизи зикр аст, ки аз чониби сохибкорони саховатманд бахшида ба тачлилӣ бошукӯхӣ Наврӯзи чахонӣ барои дастгирии оилахои ниёзманд 83 нафар кӯдакон хатнатӯйи карда шуда, 11 чуфт тӯйи арӯсиву домодӣ гузаронида шуд.

Дар давраи хисоботи бо максади фахмондадихии Паёми Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии

Точикистон, ки санаи 22 декабри соли 2017 баён дошта буданд, аз тарафи гурӯхи таблиготӣ дар нохияи Шахристон корхои фахмондадихӣ сурат гирифт.

Ба гурӯхи таблиготӣ вакили Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон Абдуллозода Иброхим, директори Институти масъалахои об, гидроэнергетика ва экологияи академияи илмхои Чумхурии Точикистон Зайналобидин Кобулиев, директори парки технологии Донишкадаи молия ва иктисоди Точикистон Фаридулло Убайдуллоев, судяи суди иктисодии вилояти Сугд Ниёззода Мирзо, сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилоят Шарифзода М, мудири шуъбаи дастгирии сохибкории вилоят Чалолов А., як катор рохбарони масъули сохторхои макомоти ичроияи махалллии хокимияти давлатии нохия ва макомоти хифзи хукук шомил буданд.

Аз тарафи гурӯхи таблиготӣ санаи  9 январи соли 2018 дар толори макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохияи Шахристон бо иштироки рохбарони корхонаву ташкилотхо, муассисахои тандурустӣ, маориф ва фарханг, раисони чамоатхо ва хочагихои дехконӣ (фермерӣ)-и нохия вохӯрӣ доир гардид.

Дар вохӯрӣ директори Институти масъалахои об, гидроэнергетика ва экологияи академияи илмхои Чумхурии Точикистон Зайналобидин Кобулиев, директори парки технологии Донишкадаи молия ва иктисоди Точикистон Фаридулло Убайдуллоев ва судяи суди иктисодии вилояти Сугд Ниёззода Мирзо оид ба нуктахои асосии Паёми Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон изхори акида намуданд.

Инчунин, чунин вохӯрӣ санаи 9 январ дар толори муассисаи тахсилоти миёнаи умумии № 1 бо иштироки омӯзгорони муассисахои таълимии нохия, санаи 10 январ дар толори муассисаи таълимии «Литсейи касбии саноатӣ - кишоварзӣ»-и нохия бо иштироки хайати мухандисию омӯзгории муассиса, дар толори беморхонаи марказии нохия бо иштироки кормандони сохаи тандурустӣ, дар толори муассисаи тахсилоти миёнаи умумии № 5-и дехаи Вахдат бо иштироки сокинони дехахои Вахдат, Бӯстон ва Бакрobод, санаи 11 январ дар толори Чамоати дехоти Бунчикат бо иштироки сокинони дехахои Хисор, Себзор, Гулистон ва Навкент, дар толори муассисаи тахсилоти миёнаи умумии № 6-и дехаи Чашмасор бо иштироки сокинони дехаи Чашмасор, дар толори хонаи фарханги дехаи Ободӣ бо иштироки сокинони дехахои Ободӣ, Сaробӣ ва Сугдиён ва санаи 12 январ дар толори хонаи фарханги маркази нохия бо иштироки сокинони дехахои Шахристон, Истиклол, Турсунзода ва Фирдавсӣ доир гардида, аъзоёни гурӯхи таблиготӣ, аз он чумла рохбарони макомоти хифзи хукуки нохия низ вобаста ба мазмун ва мухтавои Паёми Пешвои миллат баромад намуданд.

Дар вохӯрихои доиргардида дар мачмуъ 1791 нафар сокинони нохия ширкат варзида, таассуроти хуб гирифтанд.

Аз тарафи сокинони нохия оиди сохтмони обанбор, бо назардошти рушду нумӯи нохия ва бо комат афрохтани бинохои хуштарху замонавӣ ба талаботи шахрак монандӣ доштани дехаи Шахристони маркази нохия ва ба категорияи шахрак чавобгӯй будани он чунин пешниход карда шуд, ки барои ба категорияи шахрак дохил намудани дехаи Шахристони маркази нохия мусоидат карда шавад.

Бо максади фарохам овардани фазои мусоид барои сохибкорӣ, ки тибки фармони Президенти Чумхурии Точикистон давоми ду соли минбаъда эълон кардани мораторий ба хама гуна санчишхои фаъолияти сохибкории истехсолӣ, ба истиснои санчишхои накшавии макомоти андоз, Прокуратураи генералӣ, Палатаи хисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коорупсия ва Бонки миллӣ дар хамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон накшаи гузаронидани вохӯрихо бо сохибкорони шахру нохияхои вилоят чихати баланд бардоштани маърифати хукукиву молиявии сохибкорону точирон, сатхи касбият ва малакаи онхо мохи феврали соли чорӣ  корхои фахмондадихӣ гузаронида шуд.

Аз чумла санаи 20 феврали соли чорӣ бинобар сахми арзишманди сохибкорон дар рушди иктисодиёти вилоят мулокоти ичрокунандаи раиси вилоят бо сохибкорон ва сармоягузорон доир гардид.

Дар толори Кохи фархангии ба номи Абӯабдуллохи Рӯдакӣ намоишгохи махсулоти корхонахои истехсолии вилоят ва хунархои миллӣ ташкил карда шуда буд. Дар ин мулокот Рачаббой Ахмадзода суханронии пурмухтаво намуда, сахми сохибкоронро дар таъмини рушди иктисоди миллӣ, ба хусус вилоят шоиста арзёби намуд. Мулокот дар доираи дастуру супоришхои Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мӯхтарам Эмомалӣ Рахмон оид ба ташаккули минбаъдаи муколамаи озод байни макомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ чараён гирифт. Чихати дастгирии сиёсати иктисодии давлатӣ ва сахми амик дар раванди пешрафти мамлакати сохибистиклоламон аз чумла вилояти Сугд, Рачаббой Ахмадзода ба сохибкорон изхори миннатдорӣ намуда аз дастовардхои солхои охир ёдовар гашт. Хамзамон сохибкорон ба ичрокунандаи вазифаи Раиси вилоят дархосту пешниходхои худро бобати боз хам рушду тавсеъа додани сохибкорӣ изхор доштанд.

Санаи 28 феврали соли 2018 соати 9-00 дар МД “Кохи Рӯдакӣ” шахри Хучанд миззи мудаввар оиди “Рушди экосистемаи иноватсионӣ сохибкорӣ дар вилояти Сугд”, ки аз тарафи Барномаи рушди Созмони Миллали Муттахид дар Чумхурии Точикистон маблаггузорӣ шуда истодааст, баргузор гардид. Миззи мудавварро сардори Раёсат хусни огоз намуда, рохбарияти БРСММ дар Чумхурии Точикистонро барои ташкили чорабинии мазкур изхори миннатдорӣ баён намуданд.

Кормандони Раёсат санахои 27-31 марти соли 2018 дар бинои макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахрхои Хучанд, Истаравшан семинархои омӯзишӣ дар мавзӯхои “Шархи санадхои меъёрии хукукии сохаи сохибкорӣ, имтиёзхои андозиву гумрукӣ ба сохибкорону сармоягузорон”, тибки баркияномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон аз 15 марти соли 2018 тахти №4-4А118 бо теъдоди 200 нафар сохибкорон гузаронида шуд.

Бахри иттилоотонии сохибкорон оид ба масъалахои ташкил ба пешбурди фаъолияти сохибкорӣ бо истифода аз имкониятхои муосири иттилоотӣ дар Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилоят телефони боварӣ 4-65-64 ва сомонаи интернетӣ www.sugdinvest.tj амал мекунад, ки дар он фаъолияти макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят бобати хамкорӣ бо сохибкорон, ташкил ва гузаронидани вохӯрихои сохибкорон, санадхои меъёрӣ-хукукӣ вобаста ба масъалахои сохибкорӣ инъикос карда мешавад.